**Тақриз**

**ба диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ, 10.01.01 – Адабиёти тоҷик). – Хуҷанд, 2024, 192 саҳ.**

Чуноне, ки маълуми ҳамагон аст, то ба вуҷуд омадани хат тақрибан бештар аз сӣ ҳазор сол инсон фақат ба таври гуфторӣ андешаҳои худро ифода мекард. Ин амал маънои онро дорад, ки адабиёти гуфтории тоҷикон таърихи хеле бостонӣ дошта, чакидаҳои пурарзиши он аз насл ба насл гузашта, боз мувофиқи шароити давру замон такмилу инкишоф ёфтаю суфтатар гардида, барои рангу ҷилои адабиёти навиштории чун сарчашмаи беназири маънавӣ ва махзани тиллоии фарҳанги халқ нақши бориз бозидааст.

Адабиёти гуфторӣ ва навиштории тоҷик узван ва маънан ба ҳамдигар алоқаманду наздиканд, ки ин маъниро фолклоршинос В.Асрорӣ чунин ба қалам медиҳад: *«…азбаски адабиёти классикии тоҷик таърихи ҳазорсола дорад ва дар баробари ин халқи тоҷик фолклори хеле бой эҷод кардааст, муносибати байни ин ду шакли эҷоди бадеӣ, яъне эҷодиёти халқ ва нависанда дар ҳамаи замонҳо вуҷуд дошт ва то замони мо давом кардааст».* Ба ҳамин масъала ишора намуда, фолклоршиноси рус М.И.Богданова таъкид мекунад, ки *«Анъанаи муносибати адабиёт ва фолклор нисбат ба халқҳои дигари Осиёи Миёна дар тоҷикон хеле қадимӣ ва қавӣ буда, ҳар як нависандаи тоҷик аз ин махзани маърифати халқ бебаҳра намондааст».*

Бо дарназардошти мулоҳизаҳои болоӣ бояд тазаккур дод, ки таҳқиқи масоили муносибати адабиёти гуфторӣ ва навиштори дар илми фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ аз ҷумлаи мавзуъҳои меҳварӣ ба шумор меравад. Зеро маҳз адабиёти гуфторӣ, аз устураҳои аҳди бостон то танаввуи жанрии он дар асрҳои миёнаву замони нав зербинои адабиёти навиштори маҳсуб мешавад.

Ногуфта намонад, ки дар таърихи адабиёти тоҷик адиберо вохӯрдан мумкин нест, ки аз адабиёти гуфторӣ илҳом ва мазмуне нагирифта бошад. Раҳим Ҷалил низ ҳамчун як адиби тавонои тоҷик дар пайравӣ ба устодони худ – Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ва Ҳаким Карим дар осораш қадимтарин анъанаҳои адабиёти классикӣ ва ҳамзамон унсурҳои адабиёти гуфториро устувор намуда, инчунин аз таҷрибаи адабиёти русу Ғарб баҳра бардошта, осори мондагореро дар бозтоби муҳимтарин масоили замони худ таълиф кардааст. Нигоҳи нав ба фарҳанги миллӣ, кашфи бадеии адабиёти гуфторӣ ва ҷустуҷӯйҳои

амиқи масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ имкон додааст, ки ҳақиқати зиндагии рӯзгори ҳамзамонон дар асарҳои Раҳим Ҷалил воқеъбинона инъикос ёбанд.

**Аҳаммияти мавзуи диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна** пеш аз ҳама, дар он аст, ки то имрӯз истифодаи унсурҳои фолклор дар осори Раҳим Ҷалил дар фолклоршиносии тоҷик ба таври фарогир ва монографӣ таҳқиқ нашуда ва мақому манзалати фолклор дар асарҳои адиб муайяну мушаххас нагардида буд. Аз ин рӯ, пажуҳишу таҳқиқи ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда мубрамият ва аҳаммияти бештар касб мекунад.

Баъзе фолклоршиносон ва адабиётшиносони тоҷик, аз қабили В.Асрорӣ, А.Сӯфиев, Х.Отахонова, А.Сайфуллоев, М.Файзуллоева, А.Усмонов, А.Набиев, У.Ҷаҳонов, М.Неъматов, М.Хоҷаева ва дигарон дар хусуси бархе аз масоили алоҳидаи нақши фолклор дар осори Раҳим Ҷалил андешаҳо баён кардаанд, ки дар шакли мақолаю фишурдаҳо сурат гирифтаанд ва онҳоро метавон оғози таҳқиқи мавзуи мазкур унвон кард.

Муаллифи диссертатсия бо назари ҷомеъ ва бар мабнои мухтассоти эстетикии осори гуфторӣ корбурд ва истифодаи унсурҳои онро дар эҷодиёти адиб аз чанд паҳлӯ ба таҳқиқ гирифтааст, ки шоистаи таҳсин мебошад.

**Навгонии илмии диссертатсия.** Муҳаққиқ бори нахуст ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда, аз ҷумла, нақши фолклор дар ташаккули тафаккури бадеӣ ва мақоми он дар ашъори адиб, ҷойгоҳи фарҳанги мардумӣ дар ҳикояву қиссаҳои адиб, мавқеи унсурҳои фолклор дар романҳои адиб ва таъсири он ба услуби нигориши ӯро мавриди таҳқиқу баррасии доманадор қарор додааст, ки бешак ибтикороти тоза маҳсуб мешавад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки масъалаҳои мавриди таҳқиқ бо далелу бурҳонҳои муътамад ва муҳокимаҳои қиёсию хулосабардориҳои амиқи илмӣ баррасӣ шуда, бо корбандии равишҳои муосири методологӣ, маводҳои таҳлилӣ ва бо сохтори муназзам имтиёз мекунад, ки бо мақсаду вазифаи пажуҳиш мувофиқати том дошта, барои таҳқиқи ҳатталимкон мукаммали ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда пойгоҳи муносибро фароҳам овардааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ.** Маводи диссертатсия, ҷустуҷӯ ва ковишҳову бозёфтҳои илмии диссертант дар пажуҳишҳои фолклоршиносону адабиётшиносон, унвонҷӯёну магистрантҳо ва таълифи дастуру воситаҳои таълимию методӣ ва амсоли ин метавонад, мавриди истифода қарор гирад.

Диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна таҳқиқ ва омӯзиши ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависандаро, ки то кунун дар фолклоршиносии тоҷик ба тарзи монографӣ пажуҳиш нашудаанд, фаро

гирифта, дар ин ҷода таҳқиқоти тоза ва дорои аҳаммияти хоси илмӣ мебошад.

Юсупова М.И. дар муқаддимаи диссертатсия бо ишора ба ин нукта таъкид кардааст, ки: “Мақолаҳо, рисолаҳо ва асарҳои илмӣ доир ба эҷодиёт ва осори Раҳим Ҷалил зиёданд, аммо асари алоҳидаи мукаммал, ки жанрҳо ва усулҳои истифодаи фолклорро дар осори нависанда муайян намуда бошад, ба назар нарасид” (саҳ.8). Бо дарки ин матлаб диссертант ба таҳқиқи як самти муҳимми фолклор, яъне муносибати қавии адабиёти гуфторӣ ба адабиёти навишторӣ, таъсиру алоқамандии онҳо ба якдигар ва мавқеи адибони гузаштаю муосир дар тарзу истифодаи фолклор тасмим гирифта, масоили мавриди баҳсро дар сатҳи муносиби илмӣ ҳаллу фасл намудааст.

Диссертатсияи Юсупова М.И. аз нигоҳи мавзуъ, умқу вусъати масъалагузорӣ, баҳсу талошҳои илмӣ ва натиҷагирӣ таҳқиқоти тоза ва аз ҷиҳати илмӣ тамомиятёфтае аст, ки дар фолклоршиносии муосири тоҷик сухани арзишманд мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия интишор ёфтаанд. Маводи таълифшуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро ифода намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Юсупова М.И. аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, феҳристи интишороти муаллиф ва замима ба рисола иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ ва дар қисми тавсифи умумии таҳқиқ - мақсад, вазифа, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ, методологӣ, сарчашма ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ва тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, муаммо, соҳа ва марҳилаҳои таҳқиқ, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва омӯзишии таҳқиқ, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, апробатсияи таҳқиқот, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бо низоми муайян ва дар мутобиқат ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ таҳия гардидааст.

Боби якуми диссертатсия - **“Нақши фолклор дар ташаккули тафаккури бадеӣ ва мақоми он дар ашъори Раҳим Ҷалил”** аз ду фасл таркиб ёфта, масоили марбут ба таъсири фолклор ба ҷаҳони фикрии адибро фарогир буда, нақши Раҳим Ҷалилро ҳамчун гирдоварандаю истифодабарандаи фолклор муайян кардааст. Дар фасли якум - **“Эҷодиёти лафзии халқ ва таъсири он ба тафаккури бадеии Раҳим Ҷалил”**

диссертант таъсири мусбати адабиёти гуфторӣ ба камолоти маънавӣ ва осори адиб, ҷамъовариву таҳия ва нашри анвои гуногуни фолклор аз ҷониби адиб, муаррифӣ ва нашри осори шоирони халқӣ, аз ҷумла Фахрии Рӯмониро ба риштаи таҳлил кашида, ба натиҷа расидааст, ки: "...муҳити зиндагӣ, шунидани намунаҳои ҷолиби афсонаву қисса ва нақлу ривоятҳои халқӣ, мушоҳидаву баҳрабардорӣ аз расму оинҳои миллӣ, таваҷҷуҳ ба асарҳои бунёдгузори насри реалистии тоҷик Садриддин Айнӣ, шиносоӣ бо мактаби бузурги нависандаи маъруфи рус Максим Горкий, тақозои вазъи адабии давр, ташаккули илми фолклоршиносии шӯравӣ ва густариши фолклор чун манбаъи ғаноманди миллӣ дар ташаккул ва таҳаввули тахайюли бадеии Раҳим Ҷалил таъсири амиқ гузоштанд" (с.28).

Дар фасли дувуми боби аввал **"Истифодаи унсурҳои фолклор дар шеърҳои Раҳим Ҷалил"** ҷойгоҳи анвои адабиёти гуфторӣ дар ашъори адиб дар меҳвари пажуҳишҳои диссертант қарор гирифтаанд. Диссертант дар ин фасл корбурди унсурҳои фолклор, аз қабили нақлу ривоятҳои халқӣ, ибораҳову ифодаҳои халқӣ ва зарбулмасалу мақолҳоро бо мисолҳои собиткунанда ба таҳлил гирифта, мухтассоти онҳоро муайяну таъйид намуда, менигорад, ки унсурҳои фолклор бештар дар ашъори зерини Раҳим Ҷалил ба кор рафтаанд: 1. Достони «Ленинобод»; 2. Ғазалҳо; 3. Шеърҳои ҳаҷвӣ; 4. Шеърҳое, ки дар васфи табиат ва фаслҳои сол эҷод шудаанд; 5. Шеърҳо дар тарғиби пахтакориву пахтачинӣ (с.29).

Боби дувуми диссертатсия **"Ҷойгоҳи фарҳанги мардумӣ дар ҳикояву қиссаҳои Раҳим Ҷалил" унвон** дошта, ду фасл ва панҷ зерфаслро фаро гирифтааст. Фасли аввал – **"Ҷанбаҳои фарҳанги мардумӣ дар ҳикояҳои нависанда"** аз ду зерфасл иборат буда**,** ба таҳқиқу баррасии ҷойгоҳи фарҳанги мардумӣ дар ҳикояҳои адиб бахшида шудааст.

Дар зерфасли якум **"Бозтоби баъзе унсурҳои фолклорӣ дар ҳикояҳо"** махсусияти истифодаи фолклор дар ҳикояҳои давраи аввали эҷодиёти нависанда мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Диссертант аз ҷумла, қайд менамояд, ки "... дар ҳикояҳои солҳои 70-ум ва 80-уми нависанда ин навъи фолклор (яъне, зарбулмасалу мақол – Қ.С.А.) бештар буда, дар баробари таҳкими фикру андешаи адиб, барои равшантар намудор кардани хислату рафтор ва шахсияти қаҳрамонон кумак намудаанд" (с.60). Воқеан, андешаи мазкури диссертант ҷойи баҳси илмӣ надошта, қобили қабул ва дастгирист.

Дар зерфасли дуюм - «**Ҳаҷву мутоиба дар ҳикояҳо**» диссертант мақоми адабиёти гуфториро дар ҳикояҳои ҳаҷвии нависанда таъину муайян намуда, ӯро дар шумори беҳтарин ҳаҷвнигорони садаи XX қарор дода, ба хулосае меояд, ки "... дар ин навъи ҳикояҳо зарбулмасалу мақолҳои миллӣ фаровон ба кор рафта, барои таъсирбахш шудани нутқи персонажҳо, обуранги забон ва инъикоси равшани тафаккуру шахсияти қаҳрамонҳо хидмат намудаанд" (с.64).

Фасли дуюм **- «Қиссаи «Маъвои дил» – хазинаи фарҳанги мардумии Хуҷанд»** аз се зерфасл иборат буда, зерфасли аввал **«Истифодаи тарона (ашула), зарбулмасал, латифа, ривоят ва шугун дар «Маъвои дил»** унвон дорад. Дар зерфасли мазкур диссертант роҷеъ ба мавқеи ашӯлаҳои сиёсию иҷтимоӣ, сурудҳои тӯёна, зарбулмасалу мақол, латифаю афсона, ривояту шугун ва аскияю аскиягӯйӣ дар қиссаи “Маъвои дил” сухан ронда, бо мисолу намунаҳо мулоҳизаҳои назарии худро собит намудааст.

Зерфасли дуюм **- «Ҷойгоҳи фарҳанги ҳунармандӣ дар асар»** асосан доир ба фарҳанги ду ҳунар – пойафзолдӯзӣ ва бофандагӣ дар асари мазкур маълумот дода, мавқеи жанрҳои насрии адабиёти гуфторӣ, аз қабили қиссаву ривоят ва афсанаҳоро ҳангоми иҷрои онҳо нишон додааст.

Дар зерфасли сеюм «**Инъикоси урфу одат ва расму оинҳои мардумӣ дар «Маъвои дил»** расму оинҳои миллии тоҷикон дар асар ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Диссертант дар ин зерфасл доир ба ташкилу баргузории маросимҳои хостгорӣ, фотиҳаю ноншиканон, тӯйбиёрону оши наҳор, кӯбкорию каллакунҷора, арӯсбарону бурёкӯбон ва амсоли инҳо ёдовар шуда, ҳамзамон мавқеи унсурҳои фолклориро ҳангоми иҷрои маросимҳои мазкур бо овардани намунаҳои онҳо зикр намудааст.

Боби сеюми рисола **«Мавқеи унсурҳои фолклор дар романҳои Раҳим Ҷалил ва таъсири он ба услуби нигориши ӯ»** унвон дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Фасли аввал **«Истифодаи офаридаҳои бадеии халқ дар романи «Одамони ҷовид»** буда, дар он сухан доир ба мавриди истифода қарор гирифтани жанрҳои гуногуни адабиёти гуфторӣ, аз қабили зарбулмасалу мақол, дуою тарона, рубоию ривоят, нақлҳои халқӣ ва таомулҳои мардумӣ дар романи мазкур меравад. Диссертант аввалан, мавқеи устувори жанрҳои зарбулмасалу мақолро нишон дода, сониян, ба корбурди жанри дуо таваҷҷуҳ зоҳир карда, мулоҳизаҳои худро бо намунаҳои гуногуни дуоҳо исбот кардааст. Сониян, диссертант мавқеи жанрҳои ашула, рубоӣ ва ривоятро дар романи мазкур бо овардани мисолҳо инъикос намуда, ба чунин натиҷа расидааст: “... азбаски романи «Одамони ҷовид» аз лиҳози ҳаҷм калон буда, силсилавоқеаҳоро дар бар мегирад, нависанда имконоти бештари истифодаи эҷодиёти мардумиро пайдо кардааст. Тафаккури адабии нависанда имкон додааст, ки на танҳо анвои хурд ва ё манзуми фолклорӣ, балки беҳтарин намунаҳои ривоёти қадимро, ки дар худ аносири дини ислом ва аносири асотири қадимро таҷассум кардаанд, ба кор гирад. Маълум мешавад, ки адиби номвар хусусиятҳои ҷойҳои муқаддасу таърихиро хуб омӯхта, дар заминаи шунидаҳову дидаҳояш ибрози ақида намудааст. Гузашта аз ин, истифодаи анвои мухталифи фолклорӣ боиси ҷолибиву муассирии муҳтавои асар гардида, дар вусъати воқеаҳо ва инъикоси тафаккуру дониши қаҳрамонон замина фароҳам овардаанд” (с.115).

Дар фасли дуюм **- «Инъикоси фарҳанги мардумии халқҳои шуравӣ дар романи «Шӯроб»** таъсири фолклори халқҳои собиқ Иттиҳоди шуравӣ дар романи мазкур таҳқиқ шудааст. Чуноне ки диссертант қайд мекунад:

“Дар ин асар нависанда бештар аз жанрҳои хурди фолклори тоҷик суд ҷустааст. Дар асар зарбулмасалу мақол ҳамчун донаҳои марворид дар ришта кашида шудаанд ва муҳим аз ҳама дар мавриди зарурӣ нишонрас ва мақсаднок аз забони қаҳрамонони асар истифода гардидаанд. Ба ҳамин монанд латифа, афсонаву ривоятҳои халқӣ, фолклори замони нави шуравӣ, фолклори ангиштканон дар асар мавқеи махсус доранд” (с.116). Дар ҳақиқат пас аз мутолиаи фасли мазкур хонанда бори дигар ба дурустии андешаю хулосаҳои диссертант боварӣ ҳосил карда, онҳоро шоистаи қабул мешуморад.

Сипас, дар фасли мазкур доир ба истифодаи зарбулмасалу мақолҳои тоҷикию узбекӣ, арабию қазоқӣ маълумот дода шуда, баъдан мавқеи фолклори гурӯҳҳои иҷтимоӣ, амсоли ангиштканон, қаландарон, лӯлиён ва жанрҳои дигари ҳамосии фолклор, ба мисоли латифаю афсона ва нақлу ривоят дар романи «Шӯроб» воқеъбинона нишон дода шудаанд, ки дар баробари моҳияти бадеӣ аҳамияти илмӣ-этнографӣ ҳам доранд. Ногуфта намонад, ки Раҳим Ҷалил бархе аз анвои фолклориро на ба забони тоҷикӣ, балки ба забонҳои дигар оварда, барои дарки беҳтари хонанда онҳоро тарҷума намудааст.

Диссертатсияи **Юсупова Мусабе Исломовна - «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда»** вобаста ба ҳадафу равиш ва методологияи таҳқиқ, масъалагузориҳо, шеваи баррасиҳои илмӣ, назари инфиродии муаллиф ва натиҷагириҳо бо забони равони илмӣ навишта шуда, пажуҳиши тоза дар фолклоршиносии тоҷик маҳсуб мешавад.

Бояд афзуд, ки дар саропои диссертатсия омодагии муносиби ҳирфаӣ ва илмиву методологии диссертант ва вуруди комили ӯ ба маводи фаровони адабиёти гуфторӣ ба таври равшану гӯё таҷассум ёфтааст ва аз ковишҳои чандинсола ва бобарори диссертант дарак медиҳад. Ногуфта намонад, ки як хусусияти хуби дигари амали диссертант дар он аст, ки дар лаҳзаҳои даркорӣ жанрҳоеро, ки аз ҷониби адиб дар асарҳояш нодуруст муайян ва номгузорӣ кардааст (дар саҳифаҳои 106-107 дубайтиро рубоӣ ва дар саҳифаи 110 ривоятро афсона гуфтан) нозукбинона ислоҳ намуда, сабабҳои носаҳеҳ чунин унвон гирифтани жанрҳои мазкурро илман шарҳ додааст. Ҳамзамон, дар муқоиса ва тарҷума истифода шудани баъзе жанрҳои фолклори халқҳои собиқ ИҶШС, аз қабили узбекҳо, қазоқҳо, қирғизҳо, русҳо ва инчунин, арабҳо дар диссертатсия ҷиҳати дигари хуби кори диссертантро ҳувайдо мегардонад.

Аппарати илмии диссертатсия дар маҷмуъ комил буда, дар ҷараёни таҳқиқ аз 176 сарчашмаю осори таҳқиқӣ бо забонҳои тоҷикиву русӣ истифода шудааст. Инчунин, маводи замимагардидаи диссертатсия ҳам яке аз ҷиҳатҳои мусбати кори диссертант буда, дар самти гирдоварии адабиёти гуфторӣ шоистаи дастгирист.

Хулосаи таҳқиқи диссертатсионӣ аз 10 банди мушаххас иборат аст, ки натиҷагирии мантиқӣ ва арзишманди илмӣ аз пажуҳиши мавзуъ аст.

Инчунин, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия дар 6 банди фишурда баён гардидаанд.

Дар радифи дастовард ва бартариҳо дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Маълуми ҳамагон аст, ки истилоҳи "фолклор" мафҳуми байналмилалӣ буда, аз забони англисӣ гирифта шудааст, ки маънои "ҳикмати халқ", "хиради халқ" ва "дониши халқ"-ро дорад. Истилоҳи мазкур аввалан, ба таъбири устод С.Айнӣ "адабиёти халқ" ёдоварӣ шуда, сониян вариантҳои маъмултарин ва муродифоти дигари он, аз қабили "адабиёти даҳанакии халқ", "эҷодиёти даҳанакии халқ", "адабиёти шифоҳии халқ", "эҷодиёти шифоҳии халқ", "адабиёти гуфтории халқ", "эҷодиёти гуфтории халқ", фарҳанги халқ, фарҳанги омма ва ғайраҳо дар тули садсолаҳо дар фолклоршиносии тоҷик корбурд шудаанд. Дар ин росто бояд гуфт, ки диссертант дар ҷараёни кори худ зиёда аз 25 вариант ва ё муродифи термини "фолклор"-ро истифода кардааст (фолклор, эҷодиёти лафзии халқ, фарҳанги мардумӣ, офаридаҳои бадеии халқ, эҷодиёти шифоҳӣ, офаридаҳои ғановатманди миллӣ, тафаккури бадии халқ, асарҳои халқӣ, адабиёти шифоҳӣ, эҷодиёти бадеии даҳонӣ (то саҳ.4), эҷоди бадии халқ, эҷоди шифоҳии халқ, эҷоди бадеии шифоҳии халқ, осори шифоҳии миллӣ (то с.11), эҷодиёти халқ, адабиёти даҳонӣ, эҷодиёти шифоҳии халқ, донишҳои мардумӣ, офаридаҳои халқ, офаридаҳои даҳонакии халқ, лафзи даҳонӣ, адабиёти шифоҳии миллӣ, дурдонаҳои халқӣ, фарҳанги омма (то анҷоми рисола), ки ин масъала таҷдиди назарро мехоҳад. Зеро: якум, баъзе мафҳумҳои истифодашуда дар фолклоршиносии тоҷик то ҳол ба таври расмӣ қабул нагардидаанд; дуюм, корбурди нодурусту беҷойи онҳо хонандаро то андозае ба шубҳа андохта, баҳсбарангез менамоянд; сеюм, баъзе аз он истилоҳот "худсохту навсохт" ҳам ба назар мерасанд.
2. Дар зерфасли 2.2.1. – "Истифодаи тарона (ашула), зарбулмасал, латифа, ривоят ва шугун дар "Маъвои дил" дар баробари нишон додани миқдори зарбулмасалу мақолҳо (дар қисми 1-ум 53 адад ва дар қисми 2-юм 103 адад, саҳифаи 73) ягон мисол ва ё намуна баррасӣ мешуд, матлаб возеҳтар мегардид.
3. Дар унвони зерфасли 2.2.3. – "Инъикоси урфу одат ва расму ойинҳои мардумӣ дар "Маъвои дил", ки бештар ба мардумшиносӣ майл дорад, ҳатман вожаи "фолклор" илова гардида, дар шакли зайл бояд навишта шавад, то тамоюлаш ба сӯи фолклоршиносӣ

гардад: “Инъикоси урфу одат, расму ойинҳои мардумӣ ва фолклори онҳо дар “Маъвои дил”. Чунки барои мо – фолклоршиносон аз раванди таҷлили ҷашну маросимҳо дида, баёни фолклори онҳо муҳимтар ва заруртар аст.

4. Дар бахши “Асосҳои назарии таҳқиқ” (с.10) диссертант дар хусуси истифодаи асарҳои як қатор фолклоршиносону адабиётшиносони ватанию беруни ишораҳо кардааст, ки мутаассифона корбурди асарҳои баъзе онҳо, аз қабили Бобоев С., Петрухин В.Я., Шустов М.П. ва дигарон дар руйхати адабиёт ба чашм нарасиданд.
5. Мутаассифона, мақолҳои дар саҳифаҳои 33, 51, 62, 85, 102, 120, 130 ва 131 овардаи диссертант зарбулмасал мебошанд, на мақол.
6. Мутаассифона, миқдори зарбулмасалу мақолҳо дар қисмҳои 1-ум ва 2-юми “Маъвои дил” дар банди 4-уми саҳифаи 99 ба миқдори дигар, яъне дар қисми 1-ум 51 адад ва дар қисми 2-юм 99 адад нишон дода шудаанд, ки ба нишондоди саҳифаи 73 мувофиқ нестанд.
7. Диссертантро лозим буд, ки ба ҷойи баъзе адабиёти истифодашудаи нолозим адабиёти муҳими солҳои охир ба табъ расида, ки доир ба мавзуи таҳқиқ бевосита тааллуқ доранд, ҳатман истифода мебурд, аз қабили асарҳои Р.Раҳмонӣ “Фолклори тоҷикон”: Дарсҳо аз адабиёти гуфторӣ (соли 2021), “Фарҳанги гуфторӣ дар романи “Фирдавсӣ”-и Сотим Улуғзода” (соли 2022) ва маҷмуи мақолаҳои Қосимӣ С. бо номи “Адабиёти гуфторӣ ва адибони тоҷик” (соли 2022).
8. Тибқи имлои нави забони тоҷикӣ дар диссертатсия баъзе калимаҳо нодуруст навишта шудаанд, чунончӣ: “шуравӣ” дар шакли “шӯравӣ” (с-ҳои 5, 23, 36, 43 (2 маротиба), 50, 72, 91, 101, 115, 120, 123 (2 маротиба) ва 137); “пажуҳиш” дар шакли “пажӯҳиш” (с-ҳои 5, 13 ва 68), “мавзуъ” дар шакли “мавзӯъ” (с-ҳои 8, 43 (2 маротиба), 45, 50, 67 ва 73), “маҷмуа” дар шакли “маҷмӯа” (с-ҳои 16, 20, 23, 45, 67 (3 маротиба), 71, 118 (2 маротиба)) ва ғайра.

Новобаста ба ин камбудиву навоқис, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, **Юсупова Мусабе Исломовна** дар се боби диссертатсия ҷанбаҳои муҳим ва барҷастаи ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависандаро бо фарогирии мисолҳои фаровон ва таҳлили онҳо дар сатҳи муносиби методологияи илмӣ, банду басти проблема ва роҳҳои таҳқиқи онро бо равишмандии лозимаи ҳирфаӣ ва забони фасеҳи илмӣ ба пажуҳиш гирифтааст.

Хулоса, диссертатсияи **Юсупова Мусабе Исломовна** дар мавзуи **«Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ, 10.01.01 – Адабиёти тоҷик) кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи **Юсупова Мусабе Исломовна** мухтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд. Мавзуи интихобнамудаи диссертант ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқи шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ, 10.01.01 – Адабиёти тоҷик) комилан мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи **Юсупова Мусабе Исломовна** дар мавзуи **«Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда»** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ, 10.01.01 – Адабиёти тоҷик) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёти
факултети филологияи тоҷики
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Қосимӣ С.А.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел: +(992) 918456693
E-mail: Qosimisa2024@mail.ru

Имзои Қосимӣ С.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.

“22” августи 2024